آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Овози тоҷик

Банӣ одам аъзои якдигаранд!


19 сентябри соли 2026 Шанбе № 74 (15293)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ҚАРОҚАЛПОҚИСТОН — МАКОНИ ИМКОНИЯТ ВА ТАШАББУСҲОИ БУЗУРГ

Президент Шавкат Мирзиёев 18 сентябр ба Ҷумҳурии Қароқалпоқистон омад.





Сарвари давлат пеш аз оғози сафар ба хонаи арбоби маъруфи давлатӣ ва ҷамъиятӣ Қаллибек Камалов ташриф овард. Қуръон тиловат гардида, ба рӯҳи марҳум дуои фотиҳа хонда шуд.

Президент роҳи ибратбахши зиндагӣ, корҳои нек ва хидматҳои марҳумро дар роҳи пешрафти халқу диёр ёдовар шуд. Таъкид намуд, ки эҳтиром ба хотираи гузаштагон ва эъзози пиронсолон барои насли ҷавон дарси ибрат аст.

Қаллибек Камалов, ки моҳи феврали соли ҷорӣ вафот кард, тӯли солҳо дар вазифаҳои роҳбарии Қароқалпоқистон фаъолият намуда, дар рушди иқтимоию иқтисодии минтақа, пешрафти саноату кишоварзӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ саҳми арзанда гузоштааст.

Солҳои охир ба ҳайси раиси Шӯрои ҷамъиятии нуроният бобати дастгирии куҳансолон, таҳкими ҳамбастагӣ ва тарбияи ҷавонон фаъолона кор бурд. Хидматҳояш бо медали «Шуҳрат» ва ордени «Эл-юрт ҳурмати» қадрдонӣ шудаанд.

Сипас, Сарвари давлат аз таҷрибаи муосири аграрӣ, ки дар боғи интенсивии саноатии корхонаи «ADM Agro»-и ноҳияи Кегейлӣ роҳандозӣ шудааст, дидан кард.

Дар таҷрибаи ҷаҳон васеъ намудани доираи фаъолият ва рушди соҳаҳои гуногун аз ҷониби ширкатҳои истеҳсолкунандаи автомобил падидаи маъмул аст.

Ширкати «ADM Group», ки дар вилояти Ҷиззах ба истеҳсоли автомобил машғул аст, бар асоси ҳамин равиш фаъолияти худро густариш медиҳад. Рушди боғдорӣ ба таври интенсивӣ дар минтақаи Арал яке аз самтҳои нави фаъолияти ширкат гардид.

Гуфта мешуд, ки боғдорӣ дар иқлими номусоид ва шӯрхоки минтақаи Арал самарабахш нест. Лоиҳаи мазкур, ки барои татбиқ 55 миллиард сӯм равона шудааст, ин тасаввуротро комилан тағйир медиҳад.

Масоҳати умумии боғ 330 гектар аст. Муҳимтар аз ҳама, барои аҳолии маҳаллӣ 100 ҷойи кори доимӣ офарида шуд. Мардуми деҳот, ки қаблан манбаи даромади доимӣ надоштанд, акнун дар маҳалли зисташон кор карда, баракати рӯзгори худро таъмин менамоянд.

Ҳоло дар 69 гектар майдон 250 ҳазор ниҳоли олуи сиёҳ, ки дар ИМА селексия гардидааст, шинонида шудааст. Ин навъ ба заминҳои шӯр хеле тобовар мебошад. Он ҳамагӣ баъди ду соли шинонидан ба ҳосил медарояд. Аз як бех дарахт то 50–60 килограмм ҳосил гирифтан мумкин аст. Андозаи калони мева ва ба осонӣ ҷудо шудани донаи он барои коркард хеле мувофиқ мебошад.

Бо мақсади истифодаи самараноки замин ва афзунсозии даромад, дар байни дарахтон навъи серҳосили помидор низ кишт карда шудааст. Аз ҳар гектар майдони кишт ба ҳисоби миёна 40–45 тонна ҳосил гирифтан мумкин аст.

Технологияҳои муосири дар боғ истифодашуда барои ҳалли мушкилоти марбут ба норасоии об мусоидат намуданд. Дар майдон системаҳои дренажи пӯшида ва обёрии қатрагӣ ҷорӣ карда шудаанд. Ҳангоми обёрии маъмулӣ барои як гектар 12 ҳазор литр об сарф мешавад. Дар низоми нав бошад, ин нишондиҳанда ҳамагӣ 5 ҳазор литрро ташкил медиҳад. Дар натиҷа об то 60 фоиз сарфа мешавад.

Об мустақиман ба решаи дарахт меравад ва беҳуда талаф намешавад. Илова бар ин, 90 дарсади нуриҳои минералиро, ки бо об фиристода мешаванд, растанӣ ба худ мегирад. Дар як меъёр нигоҳ доштани намӣ ҳосилнокиро боз ҳам зиёдтар менамояд. Азбаски низом пурра автоматӣ гардонида шудааст, як оператор метавонад садҳо гектар майдонро бидуни мушкил идора кунад.

Гуфта шуд, ки новобаста аз номусоидии иқлим бунёд намудани чунин боғи муосир далели ҷасорат ва тафаккури навини соҳибкорони мост.

Ҳамчунин таъкид гардид, ки дар худи ҳамин ҷо насб шудани таҷҳизот барои хушконидан ва коркарди мева, арзиши маҳсулотро чанд баробар зиёд мекунад.

Дар доираи лоиҳа барои фурӯши маҳсулоти тайёр низ нақшаи мушаххас мавҷуд аст. Дар робита ба содирот бо кишварҳои Чин, Корея ва Русия шартномаҳои судманд имзо гардидаанд.

Ин таҷрибаи муваффақи Кегейлӣ дар саросари Қароқалпоқистон татбиқ мешавад. Ба 10 ҳазор гектар расонидани масоҳати боғҳои интенсивӣ ва таъсиси 40 ҳазор ҷойи кори доимӣ ва мавсимӣ пешбинӣ шудааст.

Дар ҳамин ҷо Сарвари давлат бо фермерон мулоқот кард. Онҳо ислоҳоти дар мамлакат татбиқшавандаро, махсус таъкид намуда, барои таваҷҷуҳи доимӣ ба рушди Қароқалпоқистон сипосгузорӣ намуданд.

Президент Шавкат Мирзиёев дар идомаи ташриф ба Қароқалпоқистон бо фаъолияти корхонаи «Кегейлӣ барака наслли парранда» шинос шуд.

Ин корхонаи бузург дар асоси қарори Президент аз 28 июни соли 2024 оид ба дастгирии соҳаи парандапарварӣ таъсис ёфтааст. Арзиши умумии лоиҳа 7,8 миллион доллар. Бо ба кор даромадани корхона, ки дар 21 гектар майдон ҷойгир аст, 70 нафар сокини маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардиданд.

Иқтидори истеҳсолии корхона баланд буда, барои парвариши 200 ҳазор сар мурғ шароит мавҷуд аст. Ҳоло дар ин ҷо 130 ҳазор сар мурғ парвариш карда мешавад. Корхона ба буҷети давлатӣ 4,8 миллиард сӯм даромад ворид намуда, ба рушди иқтисодиёти ноҳия саҳми назаррас мегузорад.

Дар маҷмаа соле 27,5 миллион дона тухми инкубатсионӣ истеҳсол мегардад. Ин тухмҳо дар шакли мурғ ва чӯҷаи якрӯза ба фурӯш бароварда мешаванд.

Гуфта шуд, ки дар Кегейлӣ бунёд гардидани чунин маҷмааи муосир натиҷаи хуб аст. Чунин лоиҳаҳо на танҳо барои арзиши аслии маҳсулот, балки барои таъмини амнияти озуқавории минтақа низ мусоидат мекунанд.

Масъалаи бо хӯроки босифат таъмин намудани мурғҳо низ дар худи корхона ҳал шудааст. Дар ин ҷо корхонаи алоҳида бунёд гардидааст, ки дар як шабонарӯз иқтидори истеҳсоли 100 тонна хӯроки омехтаро дорад. Равандҳои истеҳсолӣ пурра автоматӣ кунонида шудаанд.

Қаблан маҳсулоти мурғ ва тухм ба Қароқалпоқистон аз дигар минтақаҳои мамлакат ворид мешуд. Корхонаи мазкур на танҳо эҳтиёҷи минтақаи назди Аралро ба ин маҳсулот қонеъ мекунад, балки онро ба хориҷ низ содир менамояд.

То моҳи сентябри соли ҷорӣ ба Афғонистон ба маблағи 1,1 миллион доллар маҳсулот содир гардидааст. То охири сол ба 1,5 миллион доллар расонидани ҳаҷми содирот дар назар аст.

(Давомаш дар саҳ.2).

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

АЗ МУКОЛАМА ТО ҲАМКОРӢ: ДУРНАМОИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Дар шаҳри Самарқанд таҳти унвони «Нақши ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар рушди демократӣ: таҷрибаи Ӯзбекистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ» Форуми ҷомеаи шаҳрвандии Осиёи Марказӣ баргузор гардид.



Чорабинӣ ба муносибати Рӯзи байналмилалии демократия таҳти ташаббуси Маркази таҳлили равандҳои демократӣ дар ҳамкорӣ бо намояндагиҳои СММ ва Барномаи рушди созмон дар Ӯзбекистон, Ҳамоҳангсози лоиҳаҳои Созмони амният ва ҳамкории Аврупо дар Ӯзбекистон, Бунёди ҷамъиятии назди Олий Маҷлис, Ҳаракати «Юксалиш», Маркази ислоҳоти рушд, Маркази «Стратегияи рушд», Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратии Ӯзбекистон, инчунин Иттиҳодияи занон ва духтарони Ӯзбекистон гузаронида шуд.

Дар форум коршиносони байналмилалӣ аз марказҳои таҳлилии ИМА, Канада, Белгия, Британияи Кабир, Маҷористон, Олмон, Испания, Фаронса, Шветсия, Туркия, Озарбойҷон, Ҳиндустон, Тоҷикистон, Туркманистон, Қирғизистон ва Қазоқистон, инчунин намояндагони ниҳодҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, мақомоти давлатӣ ва воситаҳои ахбори оммаи Ӯзбекистон, дар маҷмӯъ тақрибан 200 нафар мутахассисон иштирок намуданд.

Дар сессияи ифтитоҳии конфронси байналмилалӣ директори Маркази таҳлили равандҳои демократӣ Азамат Пардаев, намояндаи доимии СММ дар Ӯзбекистон хонум Сабине Маҳл, Ҳамоҳангсози лоиҳаҳои САҲА дар Ӯзбекистон Антти Карттунен, раиси Кумитаи Сенати Олий Маҷлис оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, робитаҳои иқтисодӣ, сармоягузории хориҷӣ ва сайёҳӣ Алишер Аъзамхӯҷаев, раиси Кумитаи Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис оид ба рушди ниҳодҳои демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ Гулруҳ Аъзамова дар бораи мақсадҳои форум сухан гуфта, таъкид карданд, ки дар раванди рушди демократии кишварҳои ҷаҳон, бахусус давлатҳои Осиёи Марказӣ, нақши ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ торафт бештар мегардад.

(Давомаш дар саҳ.3).

Солҳои охир ҳукумати Ӯзбекистон бо роҳнамоии сарвари давлат Шавкат Мирзиёев талош дорад, то сатҳи камбизоатиро, ки қаблан боиси нигарониҳои зиёд гашта буд, дар байни мардуми кишвар коҳиш диҳанд. Ин мушкил ҳукуматро водор сохт, ки вазоратеро бо номи коҳиши камбизоатӣ ва таъмини шуғл роҳандозӣ кунад ва дар чаҳорчӯби он корҳоро дар ин самт суръат бахшад. Хулоса ва натиҷагириҳо аз омӯзишҳои пайваста нишон дода буданд, ки як қисмати аъзами аҳолии Ӯзбекистон дар сатҳи камбизоатӣ қарор дошта ва ин нишондод ба обрӯи байналмилалии кишвар халале ворид месозад.

КАМБИЗОАТӢ: ЧӢ ТАВР АЗ ОН РАҲО ШАВЕМ?

Бояд таъкид кард, ки дурнамои кори ҳама гуна ҳукумат пеш аз ҳама ба баланд бардоштани сатҳи зисти мардум нигаронида шудааст. Хоса, дар замони роҳбарии Шавкат Мирзиёев дар Ӯзбекистон масъалаи мазкур дар шумули масоили доғе қарор гирифт ва ҳоло ҳукумат пайгирона барои бартараф сохтани муаммои мазкур саъю талоши бесобиқае нишон медиҳад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маҳз камбизоатӣ мардуми моро водор мекунад, ки рӯ ба муҳоҷират ованд ва ризқи худро аз кишварҳои бегона биҷӯянд. Ба хориҷи кишвар рафтани нерӯи корӣ на ҳамеша ба нафъи давлат ва ҷомеаи он аст. Дар Ватани худ машғули кор будани мардум ҳам ба ҳукумат ва ҳам ба аҳолӣ фоидабахш буда, ин омил мизони тараққиёти кишварро дар ҳадди эътидол нигаҳ хоҳад дошт. Иқтисоди нерӯманд асоси ҳама гуна пешрафтҳо буда, давлатро дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ мекунад ва мавқеи онро истеҳком мебахшад. Он кишваре, ки иқтисоди қудратманд дорад, аз ҳар нигоҳ ба дастовардҳои назаррас ноил мегардад. Ҳукумати мо ҳамеша дар фикри он аст, ки соҳибкорӣ дар байни мардум ривоҷ ёбад. Ин тавр, давлатдорон хушбин ҳастанд, ки ба далели рушди соҳибкорӣ ва хоса сохта шудани коргоҳҳои нави замонавӣ ҷойҳои кор афзуда, мардум бо шуғли доимӣ банд хоҳанд гашт. Чунин равиши кор бечуну чаро боиси коҳиши сатҳи камбизоатӣ дар байни аҳолӣ шуда, ба зиёд шудани шумораи қишри миёнаҳол мусоидат мекунад.

(Давомаш дар саҳ.4).

ҚАРОҚАЛПОҚИСТОН — МАКОНИ ИМКОНИЯТ ВА ТАШАББУСҲОИ БУЗУРГ

(Аввалаш дар саҳ.1).

То охири сол ба истифода додани корхонаи нав дар масоҳати 8,5 гектар бо арзиши 5 миллион доллар пешбинӣ шудааст. Пас аз татбиқсозии лоиҳа ҷойҳои нави корӣ таъсис ёфта, ҳаҷми истеҳсолот боз ҳам меафзояд.

Президенти кишвар таъкид кард, ки дар оянда чунин маҷмааҳо бояд ба холдингҳои бузурги паррандапарварӣ табдил ёфта, на танҳо барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, балки ҷойҳои кори дорои маоши баланд низ хизмат кунанд ва дар ин самт ба масъулон супоришҳо дод.

Чун дар ҳамаи минтақаҳои мамлакат, дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон низ ҷиҳати зиёд кардани даромади аҳолӣ корҳои сохторӣ амалӣ мешаванд.

Маҷмааи гармхонае, ки бо ташаббуси Вазорати коҳиши камбизоатӣ ва таъмини шуғл дар ноҳияи Кегейлӣ ташкил шудааст, бо лоиҳаҳои худ дар ин самт фаъол иштирок мекунад.

Президент Шавкат Мирзиёев бо фаъолияти ин маҷмаа аз наздик шинос шуд.

Барои ин 12,5 миллиард сӯм маблағи имтиёзнок ҷудо гардида, дар 5 гектар майдон гармхонаи муосири сабуксохт бунёд гардид. Дар натиҷа, нахуст 50 оилае, ки дар Феҳристи иҷтимоӣ сабти ном шудаанд, ба лоиҳа ҷалб гардида, барои онҳо ҷойҳои кори доимӣ фароҳам оварда шуд.

Ба ҳар як оилаи ниёзманди интихобшуда 10-холӣ замини гармхона ҷудо карда шуд. Дар ин раванд соҳибкори пешсаф, ки ба маҷмаа вобаста шудааст, танҳо бо ҷудо намудани замин ва гармхона маҳдуд намешавад, балки онҳоро тӯли ду сол дар ҳамин ҷо таълим дода, пас аз соҳиби дониш ва таҷрибаи кофӣ шуданашон, барои дар ҳавлии худ бунёд намудани гармхона ва ташкили манбаи даромад кӯмак мерасонад.

Муҳимтар аз ҳама, соҳибкори пешқадам маҳсулоти кишоварзии истеҳсолшударо бо нархи бозор мехарад.

Инчунин, дар ин маҷмааи гармхона соле ба ҳазор нафар шаҳрванд асрори гармхонадорӣ ва деҳқонӣ омӯхта мешавад. Ин тарзи кор барои аҳолӣ чун манбаи даромади кафолатнок ва устувор хидмат мекунад.

Гайр аз ин, барои боз ҳам зиёд намудани даромади оилаҳо имкониятҳои иловагӣ фароҳам гардидаанд. Дар ҷӯйбори 350-метрӣ, ки дар наздикии гармхона воқеъ аст, барои парвариши 500 сар мурғобӣ ҷой ташкил карда шудааст. Дар доираи лоиҳа ба ҳар як хонавода 10-сарӣ мурғобии зоти «Фаворит», ки аз Бразилия оварда шудааст, тақдим гардида, ба шаҳрвандон технологияи парвариш ва зиёд намудани онҳо омӯзонида мешавад.

Таъкид гардид, ки лоиҳаи мазкур дар рушди соҳибкорӣ дар деҳот ва таъмини шуғли аҳолӣ аҳамияти бузург дорад. Ҳамчунин, махсус эътироф шуд, ки соҳибкорони имрӯза худро на танҳо дар назди манфиатҳои шахсии худ, балки дар назди беҳбудии зиндагии мардум низ масъул меҳисобанд.

Дар лоиҳа аз технологияҳои муосир ва каммасраф ба таври васеъ истифода мешавад. Дар минтақа панелҳои офтобии дорои иқтидори 100 киловатт насб гардида, неруи барқе, ки онҳо истеҳсол мекунанд, талаботи рӯзмарраи гармхонаро таъмин мекунад.

Президент Шавкат Мирзиёев зимни сафар ба Ҷумҳурии Қароқалпоқистон аз маҳаллаи «Дийқан арна»-и ноҳияи Нукус дидан карда, бо шароити барои аҳолӣ фароҳамшуда шинос шуд.

Дар ҳудуд беш аз ҳазор хонавода, дар маҷмӯъ зиёда аз 3 600 нафар аҳолӣ истиқомат мекунанд. Корҳое, ки дар ин ҷо анҷом меёбанд, ба фароҳам овардани шароити муносиб барои мардум, таъмини шуғл ва зиёд намудани даромади онҳо равона шудаанд.

Системаи «Маҳаллаи ҳушманд», ки дар ин ҷо ҷорӣ шудааст, барои ҳалли фаврии муроҷиатҳои аҳолӣ, ба таври дақиқ пеш бурдани маълумоти демографӣ ва назорати электронии ҳолати инфрасохтор имконият фароҳам оварда, ба рушди соҳибкорӣ дар маҳалла мусоидат мекунад.

Ба беҳтар намудани инфрасохтори иҷтимоӣ низ диққати махсус дода шудааст. Дар доираи Барномаи сармоягузорӣ аз ҳисоби 4,5 миллиард сӯм кӯдакистони муосир барои 60 нафар ба истифода дода шуд. Аз буҷети маҳаллӣ 1 миллиард сӯм ҷудо гардида, майдончаҳои футбол ва воркаут бунёд гардиданд.

Бо мақсади афзунсозии даромади аҳолӣ бар асоси тамоюли «Як маҳалла – як маҳсулот» занбӯриасалпарварӣ ҳамчун самти асосӣ муайян шудааст. Ҳоло беш аз 20 хонаводаи маҳалла занбӯри асал парвариш мекунанд. Ҳар як хонадон аз 50 то 100 қуттии занбӯри асал нигоҳ дошта, соле то 1 тонна асал истеҳсол ва аз ин ҳисоб даромад ба даст меоранд.

Сарвари давлат ба хонадони сокини маҳалла Бахтиёр Ҷӯбоев даромада, бо фаъолияти коргоҳи коркарди асал ва раванди омодасозии қуттиҳои занбӯри асал шинос шуд.

Дар ин ҷо дар як мавсим 2 тонна маҳсулоти коркардшудаи асалро фурӯхта, соле тақрибан 200 миллион сӯм фоида ба даст меоранд. Дар устохона бошад, соле беш аз 250 қуттии занбӯри асал истеҳсол шуда, то 80 миллион сӯм даромади иловагӣ ба даст меояд.

Аз ҷониби Иттиҳодияи занбӯриасалпарварон то анҷоми сол дар асоси кооператсия боз дар 100 хоҷагӣ роҳандозии парвариши занбӯри асал ба нақша гирифта шудааст. Ин иқдом барои бо манбаи даромади устувор таъмин намудани як қатор оилаҳои дигар мусоидат хоҳад кард.

Президенти кишвар дар ин ҷо бо фаъолон, пиронсолон ва ҷавонони минтақа суҳбати самимӣ анҷом дод.

Таъкид гардид, ки рушди минтақаи назди Арал ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ аз самтҳои устувори сиёсати давлатӣ ба шумор меравад. Зикр шуд, ки доираи чунин корҳои созанда дар маҳаллаҳо густариш ёфта, суръати татбиқи онҳо боз ҳам вусъат меёбад.

Сипас, Президент Шавкат Мирзиёев бо фаъолияти Академияи илмиву амалии тиббии Қароқалпоқистон шинос шуд.

Хидматрасонии босифати тиббӣ ба аҳолӣ пеш аз ҳама, аз мутахассисони соҳибтахассусе вобаста аст, ки соҳиби донишҳои муосир ва таҷрибаҳои амалӣ ҳастанд. Аз ин рӯ, дар Қароқалпоқистон ба такмили мунтазами ихтисоси шифокорон ва кормандони миёнаи тиббӣ диққати махсус дода мешавад. Академияи навтаъсис ба маркази такягоҳии бозомӯзии кормандони соҳа дар асоси стандартҳои байналмилалӣ ва технологияҳои пешрафта табдил хоҳад ёфт.

Мувофиқи қарори дахлдори Сарвари давлат аз 24 декабри соли 2024, бо иштироки бахши хусусӣ ба кластери ягонаи инноватсионӣ табдил додани муассисаҳои тиббии минтақа муайян гардидааст, ки дар онҳо илм, таълим ва амалияи тиббӣ ба ҳам мепайвандад.

Маҳз бо ҳамин мақсад дар масоҳати 4,6 гектар маҷмааи муосир бо арзиши умумии 154 миллиард сӯм бунёд гардида, 80 ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд.

Дар академия барои такмили ихтисоси 3 ҳазор шифокор ва 6 ҳазору 800 корманди миёнаи тиббӣ ва соҳаи дорусозӣ имконият фароҳам гардидааст.

Инчунин, ҳар сол аз минтақаи соҳили Арал қариб 100 нафар ординатори клиникӣ омода карда мешавад.

Барои таҳсил ва зисти онҳо шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст. Барои мутахассисоне, ки аз минтақаҳои дурдаст меоянд, меҳмонхонаи муосири дорои 72 ҷойи хоб фаъолият дорад.

Бо мақсади рушди малакаҳои амалӣ 18 ҳуҷраи симулятсионӣ ташкил шудааст. Дар онҳо аз рӯйи беш аз 50 самт таълими рақамӣ ва симулятсионӣ роҳандозӣ шуда, барои дар асоси стандартҳои байналмилалӣ омода намудани мутахассисон аз рӯйи зиёда аз 100 амалиёти тиббӣ мусоидат менамояд.

Муассиса бо технологияҳои муосири тиббӣ таҷҳизонида шудааст. Бахусус, дар ин ҷо роботи ҷарроҳии «Edge Medical», ки дар Осиёи Марказӣ ягона мебошад, насб шудааст. Он дар баробари гузаронидани машғулиятҳои омӯзишии симулятсионӣ, барои бо амиқии баланд анҷом додани амалиёти ҷарроҳии фосилавӣ дар шароити воқеии клиникӣ имкон медиҳад.

Академия бо марказҳои бонуфузи тиббии хориҷӣ ва донишгоҳҳои пешқадам, аз ҷумла бо донишгоҳҳои Питтсбурги ИМА ва Фрайбурги Олмон ҳамкорӣ мекунад. Курсҳои байналмилалии таълимӣ ва таҳқиқоти муштараки илмӣ ташкил гардида, технологияҳои телемедитсина ва таълими рақамӣ ҷорӣ гардидаанд.

Сарвари давлат аз ҳуҷраҳои машғулоти амалии академия боздид намуда, бо донишҷӯён ва кормандони соҳа суҳбат кард.

Президент Шавкат Мирзиёев дар маросими ба истифода супоридан ва оғози сохтмони лоиҳаҳои нав иштирок кард.

Солҳои охир шароити мусоиде, ки дар минтақа барои рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя фароҳам мегардад, ба рушди шабакаҳои иқтисодӣ, таъсиси иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ мусоидат мекунад.

Бахусус, агар соли 2016 ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти минтақавии Қароқалпоқистон 8,5 триллион сӯмро ташкил карда бошад, дар оғози соли ҷорӣ аз 54 триллион сӯм афзуд. Дар истеҳсоли маҳсулот ҳиссаи бахши хусусӣ ба 66 фоиз расид. Шумораи субъектҳои фаъоли соҳибкорӣ 2,5 баробар афзуда, ба 26,5 ҳазор адад баробар шуд.

Дар нӯҳ соли охир ба Қароқалпоқистон барои таъсиси ҷойҳои кории сердаромад беш аз 5 миллиард доллар сармоя ворид карда шуд. То охири соли ҷорӣ ба 2,5 миллиард доллар расидани ҳаҷми сармояҳои хориҷӣ дар назар аст. Теъдоди корхонаҳои хориҷӣ ва муштараке, ки дар минтақа фаъолият доранд, нисбат ба соли 2018 то 2,2 баробар афзуда, ба 271 адад расидааст.

Дар доираи маросим 11 лоиҳа ба маблағи 592 миллион доллар ба истифода дода шуд ва сохтмони 47 лоиҳаи нав ба маблағи 7 миллиард доллар, ки бо иштироки шарикони хориҷӣ амалӣ мегарданд, оғоз ёфт. Дар натиҷаи татбиқи онҳо 8 ҳазор ҷойи кории сердаромад офарида мешавад.

Бахусус, дар ноҳияи Қараузак ду неругоҳи барқи бодӣ бо иқтидори умумии 300 мегаватт ва низоми захиракунии неруи барқ бо иқтидори 100 мегаватт мавриди истифода қарор гирифтанд.

Дар қатори иншооте, ки ба фаъолият шурӯъ карданд, беморхонаи ба номи Шайх Халифа низ мавҷуд аст, ки дар шаҳри Нукус дар ҳамкорӣ бо Амороти Муттаҳидаи Араб бунёд шудааст. Муассиса ба маблағи 27 миллион доллар бунёд гардида, дорои 100 кат мебошад ва бо таҷҳизоти муосири тиббӣ таъмин шудааст. Дар ин ҷо 80 ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд.

Академияи илмиву амалии тиббии Қароқалпоқистон низ ба баланд бардоштани сифати хидматрасонии тиббӣ дар минтақа ва рушди малакаи мутахассисон хидмат хоҳад кард.

Дар самти рушди инфрасохтори рақамӣ дар ноҳияи Тахиатош марҳилаи аввали маркази модулӣ ва зеҳнии ҳисоббарории корхонаи «Linkwise» ба маблағи 150 миллион доллар ба истифода дода шуд.

Дар шаҳри Нукус лоиҳаи корхонаи «SAPSAN TRANS NO‘KIS» ба маблағи 20 миллион доллар, ки ба беҳтар намудани нақлиёти ҷамъиятӣ нигаронида шудааст, низ ба фаъолият оғоз кард. Ҳоло 25 автобус ва электробус оварда шуда, то охири сол боз 75 электробуси иловагӣ ворид карда мешавад. Дар доираи лоиҳа таъсиси 200 ҷойи корӣ пешбинӣ шудааст.

Лоиҳаҳое, ки сохтмонашон оғоз ёфт, соҳаҳои энергетика, иқтисоди рақамӣ, саноат, нақлиёт, тиб ва хидматрасониро фаро мегиранд.

Дар ноҳияи Қӯнғирот дар ҳамкорӣ бо ширкати «ACWA»-и Арабистони Саудӣ сохтмони неругоҳи бузурги барқи бодии дорои иқтидори 1,5 гигаватт ба арзиши 2,6 миллиард доллар ва пайваст намудани он ба низоми ягонаи энергетикӣ ба марҳилаи фаъол ворид мешавад. Дар доираи лоиҳа 1,5 ҳазор километр хатҳои магистралии барқи баландшиддат кашида шуда, се зеристгоҳи дорои шиддати 500 киловолт бунёд мегарданд ва боз ду зеристгоҳ навсозӣ хоҳанд шуд.

Дар ноҳияи Чимбой дар ҳамкорӣ бо сармоягузорони Корея бори авval дар ҷумҳурӣ лоиҳае оғоз гардид, ки тавассути коркарди решаи ширинбия соле 3 миллион метри мукааб биогаз истеҳсол хоҳад кард.

Бо мақсади рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар ҳамкорӣ бо Бонки осиёии рушд дар қитъаи 92-километрии роҳи автомобилгарди А-380 «Ғузор – Бухоро – Нукус – Бейнау» сохтмон оғоз шуд. Арзиши лоиҳа 233 миллион долларро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, барои нақлиёти ҷамъиятии шаҳри Нукус дар ҳамкорӣ бо Бонки таҷдид ва рушди Аврупо лоиҳаи хариди 112 электробус ва таъсиси депо амалӣ карда мешавад.

Якҷо бо ҳамкорони чинӣ дар ноҳияҳои Қӯнғирот ва Тахиатош лоиҳаҳои таъсиси марказҳои истеҳсоли асъори рақамӣ ва коркарди маълумоти зеҳни сунъӣ бо арзиши умумии 2 миллиарду 281 миллион доллар амалӣ мешаванд. Дар ноҳияи Тахтакӯпир низ маркази маълумот сохта мешавад. Дар шаҳри Нукус лоиҳаи истеҳсоли неруи барқ тавассути коркарди термикии партов оғоз ёфт.

Дар кони «Зенгибобо»-и ноҳияи Қараузак корхонаи истихроҷи тилло ба маблағи 20 миллион доллар бунёд мешавад. Дар ноҳияи Амударё бошад, маркази бузурги муосири савдо бо арзиши 15 миллион доллар таъсис меёбад.

Дар соҳаи иҷтимоӣ бо ҳамкорони ҳиндустонӣ дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ Донишгоҳи илмҳои тиббӣ ва беморхонаи дорои технологияҳои пешрафта барои хидматрасонии тиббӣ таъсис меёбад.

Бо иштироки шарикони Туркия дар соҳили канали «Дӯстлик»-и шаҳри Нукус бар асоси намунаи маҷмааи «Сеул Мун»-и Тошканд маркази истеҳсоли газоблок ва оҳак ба роҳ андохта шудааст. Барои истеҳсоли газоблок қитъаи замин дар майдони 4,8 гектар дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодии “Нукус” ҷудо карда шудааст, иқтидорҳои истеҳсолӣ оид ба тавлиди оҳаксанг дар қитъаи майдони 4,8 гектар дар ноҳияи Қараузак ҷойгир шудааст.

Корхона соле молики иқтидори истеҳсолии 300 ҳазор метри мукааб газоблок ва 165 ҳазор тонна оҳаксанг мебошад. Ин дар қатори сарпур намудани бозори дохилӣ бо масолеҳи замонавии сохтмон, имкони содир намуданро низ медиҳад. Ба Қазоқистон ва Туркманистон гузоштани маҳсулот ба нақша гирифта шудааст.

96 фоизи ашёи хоме, ки дар истеҳсолот истифода мегардад, аз ҳисоби захираҳои маҳаллӣ мебошад. Аз он ҷумла реги кварс, симон ва гаҷ аз ҷониби корхонаҳои ватанӣ гузошта мешаванд. Ин барои коҳиш додани арзиши аслии маҳсулот ва таъмини босуботи гузоштани он муҳим мебошад. Газоблокҳое, ки дар корхона истеҳсол мешаванд бо сабукӣ, хусусиятҳои парҳезӣ аз гармӣ ва садо фарқ мекунанд. Онҳо аз хиштҳои маъмулӣ 3-4 баробар сабук буда, ҳамзамон ба кам кардани харҷ барои сохтмон мусоидат менамоянд.

Ҳоло дар корхона 200 нафар аҳолии маҳаллӣ кор мекунанд. Ҳамин ҳоло корхона 5 лоиҳаи калонро ба қимати умумии 200 миллион доллар ба амал татбиқ намудааст. Сохтмон дар заминаи боз 4 лоиҳаи нав ба қимати умумии 40 миллион доллар идома дорад.

Роҳбари давлат бо ҷараёнҳои истеҳсолӣ ва маҳсулоти тавлидгарданда шинос гардида, дар бораи нақшаҳои корхона барои оянда маълумот ба даст оварда ва бо коргарон суҳбати самимӣ намуд.

Аҳамияти нигоҳ доштани сифати баланди маҳсулот ҳамзамон бо паст гардидани арзиши аслии он ва ҳамчунин ногузирии вусъат додани ҳаҷми истеҳсолот ва имконоти содиротӣ, мунтазам баланд бардоштани малакаи ходимон таъкид гардид. Ба роҳбарияти корхона ва шахсони масъул супориш ба тавсияҳои марбут дода шуд.

Президент Шавкат Мирзиёев бо фаъолияти техникуми №1 шаҳри Нукус шинос гардид.

Дар мамлакатамон ба таълими ҷавонон ба касбҳои имрӯз ва тарбияи мутахассисоне, ки дар бозори меҳнати дохилӣ ва байналхалқӣ қобили рақобат мебошанд, эътибори алоҳида нигаронда мешавад.

Бинобар қарори роҳбари давлат аз 17 июли соли ҷорӣ “Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ оид ба татбиқи таълими миёнаи махсус, касбӣ ва таълими олӣ дар асоси стандартҳои байналхалқии таълим дар ҷумҳурӣ” дар техникум барномаи байналхалқии таълимии британии Pearson BTEC татбиқ гаштааст.

Ин барнома, ки дар 70 мамлакати ҷаҳон ҳорист, бори аввал дар Ӯзбекистон дар техникуми мазкур ҷорӣ гаштааст. Хусусияти асосии он баҳам овардани дониши назарӣ бо сабақи амалӣ мебошад. Барои ин устохонаҳои таълимии замонавӣ ва лабораторияҳои рақамие, ки ба стандартҳои таълимӣ мутобиқанд, ба вуҷуд оварда шудааст.

Қимати умумии лоиҳа 11,9 миллиард сӯм. Дар натиҷа барои 240 ҷой устохонаҳои замонавӣ фароҳам гаштаанд. Дар техникум 1203 нафар хонандагон таълим мегиранд.

Муассиса дар майдони 4 гектар доман паҳн намудааст. Майдони умумии бино ва иншоот 4,6 ҳазор метри мураббаъро ташкил менамояд. Дар ин ҷо татбиқи таълими дуалӣ барои тарбияи мутахассисон барои соҳаҳои пешқадами иқтисодиёти минтақа пешбинӣ мегардад. Хатмкунандагони барномаи байналхалқӣ соҳиби дипломе мегарданд, ки дар бештар аз 70 мамлакат шинохта мешавад.

Бо иштироки шарики хусусӣ инчунин барномаи таълимии spin-off ба кор андохта шудааст. Дар доираи он 136 нафар хонанда касбҳои замонавии зарурро соҳиб мегарданд. Дарсҳои асосӣ ба забони англисӣ бурда шуда, маводи таълимиву методӣ ба ҳамин забон пешниҳод мегардад. Ин ба рушди ҳам дониши касбӣ ва ҳам сабақи забон мусоидат менамояд, ки барои аз рӯйи ихтисос кор кардан ногузир мебошад. Ба туфайли омодагии амалӣ имконоти бо кор таъмин намудани хатмкунандагон дар хориҷи кишвар васеъ мегардад. Соли ҷорӣ 25 нафар шаҳрвандони бекор, ки дар техникум аз рӯйи касби пайвандгарӣ таълим гирифтаанд, барои кор ба Эстония фиристода шуданд. Музди меҳнати онҳо моҳе то 3 ҳазор евроро ташкил менамояд. Гайр аз ин дар бораи дар техникум тарбия намудани мутахассисони зарур барои минтақаи саноатии арзишаш 40 миллион доллар аҳду паймон ба даст омадааст. Ин имкон медиҳад, ки алоқаи таълим бо истеҳсолот мустаҳкам мегардад ва бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагон имконпазир мегардад.

Роҳбари давлат бо шароите, ки дар техникум ба вуҷуд оварда шудааст, шинос гардид. Афзудани талаб ба кадрҳои соҳибмалака дар бозори байналхалқии меҳнат таъкид ёфт. Оид ба ташкили ҷараёни таълим бо назардошти талаботи корфармоён ишора гардид.

Президент Шавкат Мирзиёев зимни ташриф ба Ҷумҳурии Қароқалпоқистон дар кӯчаи навсозишудаи шаҳри Нукус сайр кард.

Дар натиҷаи корҳои ободоние, ки дар кӯчаҳои Гаресизлик, С. Камолов ва F. Шерозиева амалӣ гардиданд, барои истироҳати сокинон ва меҳмонони шаҳр шароити мусоид фароҳам ва барои фаъолияти шабонарӯзии нуқтаҳои савдову фароғатӣ имконият зарурӣ муҳайё гардиданд.

Барои анҷоми ин корҳо 2,2 миллиард сӯм ҷудо гардида, кӯчаҳо ба масофаи 2,5 километр таъмир ва инфрасохтори онҳо навсозӣ шуд.

Роҳравҳои пиёдагард бунёд гардида, курсиҳо ва қуттиҳои партов насб шуданд. Барои равшан намудани ҳудуд дар шабонгаҳ чароғҳои каммасрафи баркӣ, ки бо истифода аз панелҳои офтобӣ фаъолият мекунанд, насб гардиданд. Бо мақсади пешгирии ҷамъшавии обҳои борон ба масофаи 1,5 километр шабакаи нав сохта шуда, нилҳои мавҷуда навсозӣ шуданд.

Шароити фароҳамшуда ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ низ мусоидат кард. Дар ҳудуд 8 субъекти нави соҳибкорӣ ба кор шурӯъ намуда, боз 10 субъекти дигар фаъолияти худро густариш доданд. Дар натиҷа 75 ҷойи нави корӣ таъсис ёфт.

Сарвари давлат ҳангоми сайр дар кӯча бо мардум суҳбати самимона намуда, таъкид кард, ки сулҳу осоиштагии кишвар аз пуразиштарин неъматҳо ба шумор меравад ва орзуҳои накӯи худро баён намуд.

Президент Шавкат Мирзиёев дар идомаи ташриф ба Ҷумҳурии Қароқалпоқистон аз варзишгоҳи таҷдидшудаи «Турон»-и шаҳри Нукус низ боздид намуд.

Навсозии маҷмаа барои рушди футболи оммавӣ ва касбӣ дар минтақа, интихоби ҷавонони боистеъдод ва баланд бардоштани сатҳи омодагии варзишгарон имкониятҳои нав фароҳам овард. Ин корҳо мутобиқи вазифаҳое, ки дар қарори Сарвари давлат аз 7 апрели соли 2023 «Дар бораи чораҳои иловагии рушди ҳамаҷонибаи футболи оммавӣ ва касбӣ» муайян гардидаанд, анҷом дода шуданд.

Арзиши умумии лоиҳа 118,6 миллиард сӯмро ташкил медиҳад. Дар маҷмаа 85 нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардиданд. Дар натиҷаи боззосӣ ғунҷоиши варзишгоҳ аз 9,3 ҳазор ба 12 ҳазор ҷой расонида шуд.

Варзишгоҳи «Турон» пойгоҳи клуби касбии футболи «Арал» ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо 190 тарбиятгирандаи Академияи футболи ҷумҳурӣ мунтазам машғулият ва ҷамъомадҳои таълимӣ-варзишӣ мегузаронанд. Дар маҷмаа ду толори варзишӣ ва ду варзишгоҳи иловагӣ низ мавҷуд аст.

Барои тарбиятгирандагони академия хобгоҳи дорои 196 ҷойи хоб, ошхона барои 84 нафар, толорҳои машқ ва ҳуҷраҳои таҳлили тактикӣ ташкил карда шудааст. Инчунин, барои дар як вақт ба намудҳои варзиши сабук, бокс ва таэквондо машғул гардидани 100–150 варзишгар шароити зарурӣ фароҳам гардидааст.

Дар стадион барои намояндагони воситаҳои ахбори омма платформаҳои махсус, нуқтаҳои насби камераҳои офсайд ва минтақаи алоҳида барои низоми мутамаркази VAR ташкил гардидааст. Инфрасохтори мазкур барои дар сатҳи баланд гузаронидан ва инъикоси мусобиқаҳо хидмат мекунад.

Сарвари давлат бо шароити маҷмаа шинос шуда, аз рӯйи рушди варзиш, бахусус футбол дар Қароқалпоқистон тавсия ва дастурҳо дод.

Президенти мамлакат бо варзишгарони ҷавоне, ки дар ин ҷо машқ мекарданд, суҳбати самимӣ анҷом дод ва акси хотиравӣ гирифт.

Сафари Президент Шавкат Мирзиёев ба Қароқалпоқистон идома дорад.

Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,
Икром АВВАЛБОЕВ,
Довуд АБИБУЛЛОЕВ,
Дилшод ҲАКИМОВ,
мухбирони махсуси ӮзА.

АЗ МУКОЛАМА ТО ҲАМКОРӢ: ДУРНАМОИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

– Ҳар сол дар доираи Рӯзи байналмилалии демократия ба тамоюлҳои муосири рушди демократия ва масъалаҳои мубрами ин соҳа диққати махсус дода мешавад, – гуфт Азамат Пардаев. – Соли 2026 санаи мазкур таҳти унвони «Дар маркази таваҷҷуҳ қарор додани ҳуқуқи инсон» баргузор мешавад. Аз ин рӯ, дар форуми имрӯза низ диққати асосӣ ба фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқи инсон, бахусус ҳуқуқу манфиатҳои занон ва кӯдакон равона мегардад. Дар ин замина, аз рӯйи таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла давлатҳои Осиёи Марказӣ дар ин самт табодули афкору таҷриба менамоем.

Таъкид гардид, ки солҳои охир дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷиҳати навсозии идоракунии давлатӣ, таҳкими муколама бо ҷомеа, дастгирии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини манфиатҳои инсон, тавсеаи иштироки занон ва ҷавонон дар ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ таҷрибаи муайян ташаккул ёфтааст.

Дар доираи форум аҳамияти ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ҷиҳати таҳкими фазои сулҳу субот, некҳамсоягӣ ва ҳамкории мутақобилан судманд дар Осиёи Марказӣ махсус таъкид гардид.

Бахусус, рушди ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи энергетикаи «сабз», истифодаи оқилонаи захираҳои обии фаромарзӣ, таҳкими талошҳои муштарак барои ҳалли мушкилоти экологии минтақаи Арал ва рафъи оқибатҳои тағйирёбии иқлим ба сифати самтҳои муҳиму афзалиятноки сиёсати минтақавии Ӯзбекистон арзёбӣ шуданд.

Пас аз маросими ифтитоҳ форум кори худро дар се бахш – «Идоракунии мардумӣ ва шарикии иҷтимоӣ: механизмҳои муосири татбиқсозии ислоҳот», «Нақши ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини манфиатҳо ва некӯаҳволии инсон» ва «Ӯзбекистони Нав – драйвери рушди муштарак ва некҳамсоягӣ дар Осиёи Марказӣ» идома дод.

Дар доираи сессияҳо ба густариши робитаҳои ҳамкории ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандии Ӯзбекистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, татбиқсозии лоиҳаҳои муштарак, ташаккули шабакаҳои коршиносон ва ташкилотҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир гардид.

Инчунин, оид ба рушди платформаҳои доимии мулоқот барои ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар минтақа, густариши навоварихои иҷтимоӣ ва паҳн намудани таҷрибаҳои самарбахши фаъолияти ташкилотҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ пешниҳоду ташаббусҳо ба миён гузошта шуданд.


Дар анҷоми форум бобати дастгирии фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ӯзбекистон ва мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, таҳкими ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, густариши табодули таҷриба ва рушди муколамаи минтақавӣ қатънома қабул гардид.

Хидмати матбуоти Маркази таҳлили равандҳои демократӣ.

22 сентябр – Рӯзи Рӯдакӣ

САҶДА БАР ХОКИ РЎДАКӢ

Рӯдакӣ рафту монд ҳикмати ӯй,
Гул биреза д, нарезад аз вай бӯй...



Аз соли 2002 инҷониб дар Тоҷикистон ҳамасола 22-юми сентябр ба унвони Рӯзи Рӯдакӣ ҷашн гирифта мешавад. Ба ин муносибат ҳар сол одамони зиёд, ба хусус, дӯстдорони шеъру каломи форсӣ (тоҷикӣ) ба деҳаи хушманзари Панҷрӯд ташриф меоваранд ва аз оромгоҳи Падари шеъри форсӣ, Устод Рӯдакӣ зиёрат мекунанд.

Дар воқеъ, ҳар он чиро дил хоҳад, бояд бароварда сохт. Бо шунидан, бо арҷгузориҳо аз роҳи дур, бо ёд карданҳои фаровон дурри мақсуд ба даст наояд. Аз ҷумла, ҳар гоҳе мухлис ба оромгоҳи Одамушшуаро по мениҳад ва қабри ӯро тавоф мекунад, ба хубӣ мефаҳмад, ки хостаи аслии дил фаротар аз он чӣ дар саҳни хаёл мечинад, будааст. Бо ҳаяҷону эҳсос, оби дида рехта, бар хоки бузургвор саҷда гузоштан ҳамон лаззате бошад, ки дил орзу кунад. Маҳз дар ҳамин дами саҷда лаҳзае хотирмон, руҳафзо ва сурурбахш ба одам даст медиҳад ва ёду хаёли кас парвоз мекунад ба дуродур, ба замони эҳёву эъҷозофари Сомониён, ба давроне, ки дар аҳди амирнишинии тавоно шоирону халлоқаҳое мисли Рӯдакӣ – «Соҳибқирони шоирӣ» доди сухан додаанд ва фалсафаи ҳаёти инсонҳо ва асрори будани одамонро дар домани фалаки даввор ошкор сохтаанд.

Оромгоҳи Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар дохили як бӯстони хурди дидании Панҷрӯди биҳиштӣ, ки дорои фазои сабзу хуррам аст, қарор дорад. Ба ин зиёратгоҳ аз дарвозаи калони чӯбин, ки тоқе суннатӣ бо ҳавогузари панҷарагӣ дорад, дохил мешаванд. Худи мақбара дар маркази бӯстон, бар рӯйи теппаи кӯчаке ҷо гирифта, ки то он аз тариқи зинапояҳои сангин боло мераванд. Ин роҳрави зинапоядор аз ду ҷониб бо дарахтони сабзу хуррами пасту баланд масдуд шудааст.

Бинои мақбара бо намои дилкаше, ки аз оҷурҳои қирмизранг сохта шудааст ва бо гунбади пӯшишёфта аз кошиҳои обиранг ёдгориҳои бостонии Осиёи Миёна ва Эронро ба хотир меоварад. Чунончи, мақбараи Исмоили Сомонӣ дар Бухоро ҳамин гуна ҷаззобият дорад. Қабри Устод Рӯдакӣ дар миёнҷойи саҳни дохилии ҳамин иморат воқеъ аст, ки бар сари он лавҳасанги мармарӣ гузошта шудааст. Мегӯянд, мақбараро охирин бор соли 2008 ба муносибати 1150-умин солгарди зодрӯзи шоир тармиму таъмир кардаанд.

Ҳар он замин, ки ту як раҳ бар ӯ қадам биниҳӣ,
Ҳазор саҷда барам хоки он замини туро.

Дар канори оромгоҳ осорхонаи Рӯдакӣ ҳамроҳ бо китобхонаи пурмуҳтавое фаъол аст, ки тамоми имконоту шароити лозимро барои гузарондани дарсҳои Рӯдакихонӣ, маҳфилҳо ва нишастҳои адабию фарҳангӣ фароҳам меоварад. Дар бистқадамӣ аз осорхона барои ҷаҳонгардону азроҳрасидагон меҳмонхонаи муҷаҳҳазе бо наҳорхӯриаш ҷо хуш кардааст. Ҳар як боздидкунанда бо тамошои ин маҷмуаи зебо ба ваҷд меояд ва беихтиёр ба касоне, ки ин ҳама нафосату тароватро зинда нигаҳ медоранд, тасанно мегӯяд!

Қобили зикр аст, ки ахиран тамоми корҳои шиносоӣ бо маҷмуаи оромгоҳ таҳти раҳбарии инсони донишманд, марди хушзабони фарҳангӣ Шодимурод Ҷумъаев ва китобдори осорхона Абдумаҷид Авазов сурат мегирад. Онҳо ҳар гуна нишасту маҳфилу ҷашнро роҳандозӣ мекунанд ва бидуни эҳсоси хастагӣ ҳам дар бораи замони зиндагии Рӯдакӣ, рӯзгори ӯ ва низ рочеъ ба нозуктарин нуктаҳои осори шоир ба боздидкунандаҳо нақлҳои ҷолиб ва маълумоти дақиқ медиҳанд. Ин масъулони покдил на танҳо роҳнамои меҳмононанд ва дуохонию тиловатхоро анҷом медиҳанд, ҳамчунин то ҳадди имкон барои рафъи хастагии меҳмонон ҷойи нишасту соир имконоти лозимро фароҳам меоваранд.

То расидан ба Панҷрӯд, надида гузаштани Панҷакенти бостониву нав амри муҳол аст. Дар ин ҷо марказҳои илмию фарҳангии Осорхонаи Рӯдакӣ, «Кохи Лоик», масҷиди «Миролим Додхоҳ», майдони ботаровати назди шаҳрдорӣ, ки дар маркази он муҷассамаи Исмоили Сомонӣ қад афрохтааст, бозори марказии шаҳр бо фазо ва ҷӯшу хурӯши шарқонааш бениҳоят дилрабо ва мафтункунанда ҳастанд, ки ҳар яке тавсифу таъриф ҷудогонаро сазовор аст.

Аз шаҳри Панҷакент, ки маҳаллиҳо ин шаҳрро аксаран Панҷекат меноманд, то Панҷрӯд наздики шаст километр масофа аст. Барои тай кардани ин масир беҳтарин кола мошини хатсайрӣ (маршрутка) буда метавонад. Хубии ин мошинҳои хатсайрӣ дар он аст, ки сафаркунанда ҳар гоҳ аз деҳаҳои Суҷина, Кулолӣ, Ёрӣ, Варзи Манор, Косатарош, Арбобӣ, Зимтут, Гусар гузашта то деҳаҳои болодасти Ҷамоати деҳоти Рӯдакӣ, минҷумла, Панҷрӯд мерасад, дар роҳ бо одамони маҳаллӣ аз наздик суҳбату гуфтугӯҳо мекунад, бо гӯйиш, тарзи бархӯрд, муомила ва одоби онҳо ошно мешавад.

Дар воқеъ, чи дар меҳмонхонаю хиёбонҳо, чи дар бозору масҷид ва алалхусус, то расидан ба зодгоҳи Устод Рӯдакӣ ҷаҳонгардон бо гуфтугузори дилнишини кӯҳистониён рӯ ба рӯ меоянд. Ба назар мерасад, ки мардуми ин кӯҳистон тамоми имконоти имрӯзаи зиндагиро надоранд, вале одаму одамгарӣ – одамиёт дар он ҷо ба маротиб дар сатҳи боло қарор дорад. Ҳама ба якдигар меҳрабон ҳастанд, дар ҳар лаҳзаи тангдастӣ ба ҳам ёрӣ мерасонанд, бо дили пок, озодона гуфтугӯ ва арзи дил мекунанд. Он чиз ҷолиби диққат аст, ки ҳангоми сафар бо мошинҳои хатсайрӣ тамоми роҳакиҳо гӯё аз як деҳа, як дудмон, як ҷамоат ҳастанд – ҳама якдигарро мешиносанд, бо садои баланд ҳолпурсӣ мекунанд, бо лафзи зебои модарӣ аз бурду бохтҳояшон ҳарф мезананд. Ин гуна ҳолу ҳавои самимӣ дар ҷойҳои дигар ба нудрат дида мешавад.

Панҷакент ва ҳама маҳдудаи он то дараҳои Панҷрӯду Артуч имрӯз ба макону манзили дӯстдоштаи ҷаҳонгардон табдил ёфтааст ва ин шуҳрати воло ношӣ аз қадимати бесобиқаи ин сарзамин ва ҳамчунин марбут ба маъруфияти Одамушшуаро Рӯдакии бузургвор аст, ки ҳанӯз дар қарни даҳ доди суханро дода, мақоми забони форсиро дар дарбори Сомониён ба қуллаи авҷ расонид, барои истиқлоли забони форсии тоҷикӣ талош варзид ва ҳоло бо ашъори ғарроияш ба унвони Падари шеъру сухани форсӣ шинохта шудааст.

Устод Рӯдакӣ панд медиҳад, ки ҷаҳони кунунӣ чун фасонаву бод аст, он чӣ гузаштааст, дигар ҷойи афсӯс надорад ва аз он чӣ наомадааст, набояд нигарон буд:

Шод зӣ бо сиёҳчашмон, шод,
Ки ҷаҳон нест ҷуз фасонаву бод!
З-омада шодмон бибояд буд,
В-аз гузашта накард бояд ёд.
Ману он ҷаъдмӯйи ғолиябӯй,
Ману он моҳрӯйи ҳурнажод.
Некбахт он касе, ки доду бихӯрд,
Шӯрбахт он, ки ӯ нахӯрду надод.
Боду абр аст ин ҷаҳон, афсӯс,
Бода пеш ор, ҳар чӣ бодо бод!..

Юнуси ИМОМНАЗАР, адиб.

ТАБИАТ МЕКУНАД МОРО ТАБОБАТ



(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).

Ҳангоми бемории милкак

Агар барги хушки миртаро ба милкак (бемории пӯст, ки дар гирди нохуни ангушт пайдо мешавад) бипошанд, фоида мерасонад.

Ҳангоми варами милк

Ҳангоми илтиҳоби милк содаи истеъмолиро дар об ҳал кунед. Баъд ангуштонро тар карда, милкҳоро ба дарозӣ масҳ намоед. Сипас бо мисвоки дандон тоза кунед. Дар натиҷа, партовҳои туршии бактериявӣ хориҷ мешаванд ва милкҳо безарар (дезинфексия) мегарданд.

Ҳангоми хунравӣ аз милк

Агар аз милкҳо зуд-зуд хун равад (пародонтоз), баргҳои хурморо хуб шуста, хушк мекунанд. Баъд дар ҳован майда намуда, рӯзе 2 маҳал, пеш аз хӯрок, як миқдори камро дар давоми 7 рӯз истеъмол мекунанд.

Ҳангоми инфаркти миокард

Ба беморе, ки инфаркти миокардро аз сар гузаронидааст, оби пиёзро фишурда, ба миқдори баробар асал омехта мекунанд ва дар як рӯз 2–3 маротиба 1 қошуқ медиҳанд. Инчунин, ба ин беморон ҳар рӯз хӯрдани баргак (зардолуи дукафони бедонаки хушконидашуда) муфид аст.

Барои пешгирии болоравии буғҳои зараровар ба майна

Пудинаи кӯҳӣ (тоғрайҳон)-и хушкро майда карда, ба хокаи он шакар илова намуда, бихӯранд, боло рафтани буғҳои зараровар ба майна пешгирӣ менамояд ва ба чашм қувват мебахшад.

Ҳангоми баланд шудани фишори дохили майна

Аз судаи гиёҳҳои шифобахш мисли думи шер (арслонқуйруқ), чилбуғум, марвак (шалфей), пудина ва торон (қизилпойча) ба андозаи як қошуқи чойӣ мегиранд. Ҳамаашро ба як зарф андохта, аз болояш ду истикон оби ҷӯш мерезанд. Баъд онро дар буғи об 30 дақиқа нигоҳ медоранд. Дар як рӯз 3 маҳал, 1 қошуқӣ медиҳанд.

Барои қувватбахшӣ ба майна ва дил

Гули санҷид бо хусусияти шифобахшии худ ба инсон ҳаловат мебахшад.

Бӯйидани гули санҷид рӯҳияи инсонро болида намуда, ба майна ва дил қувват мебахшад.

Ҳангоми хориҷ кардани моеъи зиёдатӣ аз майна

Барои хориҷ кардани моеъи зиёдатӣ аз майна, истеъмоли қаламфури сурх кӯмак мерасонад.

Барои тоза кардани майна

Агар шираи карамро ба бинӣ чаконанд, ҳамон лаҳза майнаро «тоза» карда, дардро кам мекунад.

Ҳангоми вайрон шудани мубодилаи моддаҳо

Нӯшобае, ки аз омехтаи хуч (наматак), қарақот (черника), ангат (чаканда, облепиха) ва асал омода шудааст, барои бемороне, ки дар организмашон мубодилаи моддаҳо вайрон шудааст ё гирифтори диабети қанд ҳастанд, хеле фоидаовар аст.

Барои ин 3 қошуқ судаи меваи хушконидашудаи хуч ва 1 қошуқ меваи хушконидашудаи қарақотро ба даруни 5 пиёла оби ҷӯш андохта, ним соат нигоҳ медоранд. Сипас ба он 4 қошуқ шарбати ангат ва 1 қошуқча асал илова намуда, омехта мекунанд. Дар як рӯз 3 маҳал истеъмол карда мешавад.

Ҳангоми бемории махав

Ин беморӣ аксаран дар натиҷаи вайроншавии хун дар организми инсон ё норасоии баъзе моддаҳо дар таркиби он ба вуҷуд меояд. Гӯшти хорпуштакро хушк карда, баъд майда намуда, истеъмол кунанд, бемории махавро бартараф менамояд.

(Давом дорад).

Таҳияи **З. ҲАМДАМОВА, А. РЎЗИМАТОВ.**

АКАДЕМИЯИ ЗАМОНАВИИ ФУТБОЛ ДАР БУХОРО

То қарибӣ академияи футболи Бухоро дар ноҳияи Шофиркон фаъолият дошт ва ин барои рафтуомади алоқамандони соҳа аз дигар ҳудудҳо як андоза ноқулай буд. Барои бартараф намудани ин ҳолат дар шаҳри Бухоро маҷмааи нави замонавии Академияи футболи вилоят бунёд гардид.

Маҷмаа аз варзишгоҳи футбол барои 10 ҳазор нафар тамошобин, майдонҳои табиӣ ва сунъии футболи ҷавобгӯйи андозаҳои байналмилалӣ, футзал ва хобгоҳ барои варзишгарон иборат аст. Хобгоҳ дорои 200 ҷой буда, барои таълим, машқ ва зисти варзишгарон шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Арзиши умумии маҷмаа 50 миллиард сӯмро ташкил медиҳад.

Боз як хусусияти ин маҷмаа дар он аст, ки то бунёд гардидани стадиони худии намояндаи Суперлига – «Бухоро» қувваозмоиҳои маҳаллии худро дар варзишгоҳи футболи ҳамин академия баргузор мекунад. Ҳоло дар академия 154 нафар варзишгарони болаёқат таълим мегиранд.

Дар маросими ба истифода супорида шудани маҷмааи нав ҳокими вилоят Ботир Зарифов варзишгарони баумедро бо имконияти нав муборакбод намуд.

А. АВЕЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

ҲУҶҶАТҲОИ ШАХСИИ МО

(Давомаш. Аввалаш дар шумораи гузашта).

Директори мактаб ҳанӯз бо сабр интизор буд, ки шогирди дӯстдошташон ягон ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияташро, ки ба талаботи дастурамалҳо ҷавоб диҳад, меорад. Аммо интизорӣ натиҷа надод. Ӯ маҳзунона маҷбур шуд танҳо як маълумотнома диҳад: дуруст аст, ки он муҳр дошт, аммо он коғаз чандон беэътибор набуд. Дар он навишта шуда буд, ки фалонӣ дар соли фалон ба мактаби фалон дохил шуда, соли фалон синфи нӯҳро бомуваффақият хатм кардааст.

Директори мактабро фаҳмидан мушкил. Қоидаҳо, дастурамалҳо ва санадҳои меъёрии сершумори маъмурӣ аз ҳар гуна рӯйи хотир воло, махсусан вақте ки ба касе на танҳо риоя, балки назорати қатъии иҷрои онҳо аз ҷониби ҳамаи кормандони муассисаи тобеаш супурда шудааст. Агар мо дар кишвари худ тартиб хоҳем, албатта, ҳамин тавр ҳам бояд бошад.

Бо чунин маълумотнома Наргис натавонист таҳсилашро дар литсейи назди Донишгоҳи техникӣ, ки ҳамагӣ ду истгоҳ онсӯтар аз маҳаллаи онҳо воқеъ буд ва ӯ орзуи хонданро дар он ҷо дошт, идома диҳад. На соли дигар чизе тағйир ёфт ва на ду сол баъд.

Мегӯянд, ки бало танҳо намеояд. Ногаҳон модар бемор шуд. Маълум гардид, ки ӯ гирифтори саратони хавфнок аст. Шояд аз ғаму ташвиши он ҳуҷҷати ба назар хурд, вале дар асл сарнавиштсоз, ки сари вақт гирифта нашудааст ва ба деворӣ гузарнопазир дар роҳи зиндагии духтараш табдил ёфт, шояд аз сабаби дигар. Инро ҳатто табибон ҳам на тасдиқ карда метавонистанд ва на рад.

Аз Тоҷикистон низ хабари умедбахш намеомад. Аз суҳбати телефонӣ бо як нафар хеши дур маълум шуд, ки мудири идораи маҳаллии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ҳар дафъа дар посух ба пурсишҳо барои ҳуҷҷати Наргис як чиз мегуфт: рӯзи душанбе биёед, ...чоршанбе биёед, шоми ҷумъа биёед. Аммо дар ҳамон вақтҳое, ки худаш таъин мекард, дар ҷойи кор ҳозир намешуд.

Дар сафари охирини хешовандон ба ин идора ӯ ҳатто гуфт:

– Бигузор, худаш биёяд, тартиб ҳамин аст!

Инро шунида, модари содае, ки ду моҳ боз аз бемории вазнин сарашро бардошта наметавонист, базӯр гуфт:

– Хуб, Наргис, худат барои ҳуҷҷатҳоят рав. Ту дигар калон шудай. Барои ман хавотир нашав, ҳоло хеле беҳтарам.

Аммо чӣ гуна бе шиноснома рафтан мумкин буд? Боз ба давлате, ки барои гузаштан аз сарҳад шиносномаи хориҷӣ лозим аст!

Ҳаёти модар ба сафари Наргис ба диёре, ки дар он таваллуд шуда, ҳамагӣ панҷ рӯз зиндагӣ карда буд, вафо накард. Камтар аз як моҳ пас ӯ аз дунё гузашт.

Маросимҳои азодорӣ қариб як сол идома ёфт.

Фоҷиа дар он буд, ки вақте мушкили Наргис ошкор шуд, дар роҳаш касе пайдо нагардид, ки ба таври дуруст фаҳмонад, маслиҳат диҳад ва бигӯяд: ҳуҷҷатгузории шахсе, ки аз таваллудаш шонздаҳ сол гузаштааст, аз куҷо ва чӣ гуна оғоз мешавад, он ҳам дар хориҷи кишвар. Ба ибораи дигар, касе пайдо нашуд, ки меъёрҳои маъмурии моро дақиқ донад.

Шояд фикр кунед, ки кадоме аз шахсони масъул тартиби муқарраршударо вайрон кардааст? Метавон гуфт, ки ҳар кас дар ҷойи худ комилан мувофиқи дастурамалу муқаррарот амал мекард.

Корманди шуъбаи шиноснома диҳӣ гуфт, ки бо шиноснома, дафтари ҳавлӣ ва ризоияти нотариалии соҳиби хона биёянд, он гоҳ ба қайд мегирем.

Директори мактаб, ҳарчанд аз ҳоли хатмкунандааш сахт ғам мехӯрд ва ба ӯ дилсӯзӣ мекард, тибқи қонун танҳо метавонист маълумотномаи амалан беарзишеро дар бораи хатми синфи нӯҳ диҳад ва баъд вазифаи худро анҷомёфта ҳисобад.

Нозирони риояи ҳуқуқ, ки дар гуфтугӯйи рӯзмарра онҳоро нозири маҳалла меноманд, низ аз мушкили Наргис хуб огоҳ буданд. Онҳо ҳангоми «рейд»-ҳои навбатӣ аз назди хонаи Эргашевҳо канора мегузаштанд. Шукр, ки ба оила даъво намекарданд, ҳарчанд, агар росташро гӯем, мувофиқи ҳарфи қонун метавонистанд Наргис ҳеч гоҳ аз зиндагӣ шикоят намекард ва дар бораи мушкилоти худ чизе намегуфт. Тарбияи ӯ ҳамин гуна буд. Аз ҷиҳати моддӣ низ ҳеч гоҳ танқисӣ накашид: падар пайваста пули зиёд мефиристод ва он барои зиндагии осудааш кофӣ буд. Аз ин рӯ, ӯ маҷбур набуд барои таъмини рӯзгор дар ҷое кор кунад. Воқеан, бе шиноснома ва бе қайди ном пайдо кардани кори расмӣ низ хеле душвор буд.

Аммо ӯ мехост хонад. Хеле мехост. Ба ҳамсолон ва ҳамсинфони собиқаш, ки литсей, техникум, донишгоҳ ва донишкадаҳоро хатм мекарданд, бо ҳавас менигарист, гарчанде баъзе аз онҳо дар мактаб аз ӯ хеле бадтар мехонданд.

Маълум аст, ки дар ҳаёт одамони нек низ дучор мешаванд. Ҳатто зиндагии торик ҳам ҳамеша комилан бесамар намемонад. Пас аз анҷоми азодории модар, чун ба ҳар духтари болиғ, ба хонаи онҳо низ хостгорҳо омадан гирифтанд. Аммо ҳар дафъа хола ростқавлона мефаҳмонд, ки арӯсшаванда бе шиноснома зиндагӣ мекунад, аз ҳамин сабаб таҳсил накардааст, модараш вафот кардааст, падараш ба Тошканд кам меояд ва дар зиндагӣ мушкилоти дигар низ зиёданд. Табиист, ки баъди чунин суханҳо хостгорҳо дигар намеомаданд.

Танҳо як ҷавони ҳамсоя, ки замоне дар як мактаб як синф боло таҳсил карда буд ва ӯро шартан Улуғбек меномем, аз мушкили Наргис хуб огоҳ буд. Ӯ падару модарашро розӣ кард, ки ба издивоҷаш бо Наргис дуо диҳанд.

Онҳо оиладор шуданд, ҳарчанд то имрӯз никоҳи расмӣ надоранд.

Чӣ тавр чунин шуд? Идораи масъул, табиист, биноб ар набудани шиносномаи арӯс никоҳи онҳоро расмӣ накард. Онҳо маҷбур гардиданд танҳо бо никоҳи шаръӣ қонеъ шаванд. Аммо дар ин ҷо ҳам мушкил пеш омад. Дар се масҷиде, ки намояндагони домоду арӯс муроҷиат карданд, бо ишора ба набудани шаҳодатномаи никоҳи расмӣ аз хондани никоҳ даст кашиданд. Улуғбек ва падару модараш бошанд, исрор мекарданд, ки маросими никоҳ баргузор шавад.

Яке аз хешовандони Наргис ба ёд оварад, ки собиқ имоми фалон масҷиде ҳаст, ки шояд розӣ шавад.

Рӯзе пеш аз тӯй собиқ имом ба хонаи Наргис омад. Ӯ хуб медонист, ки арӯс шиноснома надорад ва аз ин рӯ шаҳодатномаи никоҳи расмӣ ҳам нест. Аммо барои расмият ва бештар барои гӯши ҷамъомадагон пурсид:

– Акди никоҳ кардед?

Касе ҷавоб дод:

– Албатта.

Ва мулло бо вичдони ором ба иҷрои вазифааш шурӯъ кард.

Аммо дар ин маросим боз шахси хеле дақиққоре низ ҳозир буд. Ӯ шубҳа кард, ки чизе намерасад, зеро шаҳодатномаи акди никоҳ нишон дода нашуд. Одатан, агар никоҳ дар хона хонда шавад, пеши мулло бояд нусхаи аслии чунин ҳуҷҷат ва шиносномаҳои домоду арӯс бошад. Дар ин ҷо бошад, ягон ҳуҷҷат пешниҳод нашуд. Гӯё як амали пинҳонӣ бошад.

Пас аз тӯй он шахс, ки маълум шуд, нозукиҳои ҳуқуқро хуб медонист, ба хонаи онҳо омад. Ӯ бо нияти хайр аввал аз Улуғбек, баъд аз Наргис пурсид, ки асли воқеа чист. Бо фаҳмидани вазъият даҳшати ботинии худро фурӯ бурду ихтиёран ба ҳалли чиддии ин мушкил оғоз кард.

Сафари аввал ба шуъбаи консулии сафорати Тоҷикистон дар Тошканд анҷом ёфт. Дар аввал чунин менамуд, ки вазъият тамоман роҳи ҳал надорад. Тибқи қонун ҳар гуна дархост ё аризаро танҳо шахсе дода метавонад, ки ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият дорад. Дар ҳолати истисноӣ намояндаи ваколатдор аз миёни хешовандони наздик ё шиносон метавонад ин корро анҷом диҳад, аммо ваколати ӯ бояд бо тартиби муқаррагардида тасдиқ шуда бошад. Яъне ваколатнома лозим аст, ки онро нотариус боз ҳам танҳо бо пешниҳоди шиноснома тартиб медиҳад.

Дар ин ҳолат дипломатони шуъбаи консулии сафорати Тоҷикистон воқеан ҷавонмардӣ нишон доданд. Онҳо ба ягон дастурамал такя накарданд, онро ба худ ниқоб нанамуданд ва пушти он пинҳон нашуданд. Аризаро барои дарёфти ҳуҷҷат, яъне шаҳодатномаи таваллуд, аз Улуғбек қабул карданд ва ӯро ҳамчун хешованди наздик нишон доданд.

(Давом дорад).

Раҳимҷон СУЛТОНОВ.

ҒОЛИБОНИ «АТИРГУЛ» МУКОФОТОНИДА ШУДАНД

Дар Маркази матбуоти миллӣ маросими ҷоизасупорӣ бахшида ба натиҷаҳои озмуни «Атиргул» байни журналистзанон, ки бо ташаббуси Иттифоқи рӯзноманигорон ба миён омад, баргузор гардид.
Ин чорабинӣ бо ҳамкории Иттифоқи рӯзноманигорон ва Кумитаи оила ва занон ташкил карда шуд.



Дар чорабинӣ раиси Иттифоқи журналистон Шӯҳрат Орипов, раиси ҳакамони озмуни «Атиргул» ва сармуҳаррири маҷаллаи «Саодат» Мунаввара Усмонова таъкид карданд, ки дастгирии фаъолонаи занон дар ҳама соҳаҳои кишвари мо дар равандҳои навсозӣ, ки аз ҷониби Президент оғоз шудааст, афзалият дорад.

– Бонувон дар соҳаи журналистика низ самаранок кор мекунанд, – гуфт Шӯҳрат Орипов, – онҳо дар инъикоси амиқ ва таҳлилии мавзӯъҳои гуногун саҳми арзанда мегузоранд. Иттифоқ як қатор лоиҳаҳои эҷодиро барои дастгирии занони эҷодкор амалӣ мекунад. Яке аз онҳо озмуни «Атиргул» мебошад. Мо ният дорем, ки дар оянда шумораи лоиҳаҳоро дар ин самт афзоиш диҳем.

Дар маросими ҷоизасупорӣ ғолибони 12 номинатсияи озмун муайян карда шуданд ва корҳои эҷодие, ки аз ҷониби ҳакамон баҳои баланд гирифтаанд, махсус қадрдонӣ карда шуданд. Ба ғолибон диплом ва тӯҳфаҳои арзишманд ботантана супорида шуданд.

– Бонуи эҷодкор, аз ҷумла рӯзноманигор набзи ҷомеаро мешунавад, дарди мардумро эҳсос мекунад ва бо қалами худ ҳақиқатро рӯйи коғаз меорад. Зани эҷодкор бо қалам танҳо мақола, китоб ё шеър наменависад. Ӯ ҳамоҳанг бо зиндагии худ як достони бузург меофарад – достони сабру таҳаммул, меҳру вафо, масъулият ва талош. Ғолибони озмунро табрику таҳният намуда, муваффақиятҳояшон бардавом бошад мегӯям, – таъкид намуд Мунаввара Усмонова.

– Аз нав баргузории озмуни «Атиргул» далели ислоҳоти ҷорӣ дар Ӯзбекистон, яъне ҳифзи ҳуқуқи зан, пешрафти ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дастгирии журналистзанон аз ҷониби давлати мост, – гуфт яке аз ғолибони озмун, хабарнигори махсуси рӯзномаи «Вести Каракалпакстана» Ҳалима Халилова. – Рӯзномаи мо таърихи 100-сола дорад. Имрӯз мо кори муаллимони худро идома медиҳем. Ман асосан дар бораи занон менависам.

– Ман аз як деҳаи дурдасти одӣ ҳастам ва имрӯз дар ин соҳаи журналистика, бахусус дар соҳаи фотожурналистика, ки барои занон камёб аст, эътироф шудам ва ҷоизаи «Атиргул»-ро гирифтам, – гуфт хабарнигори рӯзномаи «Ёшлар овози», ғолиби озмун Холида Мусурмонова. – Соҳаи фотожурналистика яке аз соҳаи масъулиятнок ба шумор меравад. Ман муддати тӯлонӣ дар ин соҳа кор карда, таҷриба андӯхтам ва дастболо шудам.

Озмуни «Атиргул» барои дастгирии маҳорати касбӣ ва потенсиали эҷодии рӯзноманигорзанон, эътирофи фаъолият ва таҳқиқоти эҷодии онҳо дар соҳаи рӯзноманигорӣ, фароҳам овардани платформаи нав ва таблиғи васеи саҳми онҳо дар рушди рӯзноманигорӣ хизмат мекунад.

Ҳамчунин, дар ин чорабинӣ 25 нафар, аз ҷумла ҳамкори мо, муҳаррири бахши мактубҳои «Овози тоҷик» Набия Нодирова низ ба узвияти Иттиҳоди журналистон пазируфта шуд.

Саодат БЕКНАЗАРОВА,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

Дар шаҳри Душанбе рӯнамоии китоби «Эмомалӣ Раҳмон – шоҳсутуни тоҷикон ва форсизабонони дунё» баргузор гардид. Дар аннотатсияи маҷмӯаи мазкур, ки таҳти назари академики АМИТ, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Абдуҷаббор Раҳмонзода рӯйи нашр дидааст, аз ҷумла, қайд шудааст ин китоб фарогири мақолаҳои илмӣ, илмӣ-таҳлилӣ ва публитсистии олимон, муҳаққиқон, сиёсатмадорон, омӯзгорон ва коршиносони ватанӣ ва хориҷӣ, аз қабили Олмон, Фаронса, Британияи Кабир, Ҳиндустон, Шветсия, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Афғонистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Кувайт буда, ба масъалаҳои муҳимми давлатдорӣ, ҳуқуқ, сиёсат, иқтисод, илм, маориф, фарҳанг, худшиносии миллӣ ва рушди Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ бахшида шудааст.



ҶОЙГОҲИ ПРЕЗИДЕНТ ДАР ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ, РУШДИ ҶОМЕА ВА АРЗИШҲОИ СИЁСИВУ ФАРҲАНГӢ

Абдуҷаббор Раҳмонзода доир ба муҳтавои китоб гузориш дод ва қайд намуд мақолаҳои ба маҷмӯа воридшуда, ки фарогири масъалаҳои марбут ба ташаккули давлатдории навини тоҷикон, таҳкими пояҳои ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ, рушди низоми суд, таҳкими фаъолияти мақомоти давлатӣ, нақши сулҳу вахдати миллӣ дар пойдории давлат, эҳё ва ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ, густариши таълими халқ, инчунин масоили ҳувияти миллӣ ва худшиносии шаҳрвандӣ мебошанд ва аз дидгоҳҳои гуногуни илмӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, мувофиқи мазмун ва мундариҷаашон ба бобҳои «Давлатсозӣ ва низоми сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол», «Сулҳ, вахдат ва мактаби сиёсии Пешвои миллат», «Илм, маориф ва маърифат», «Фарҳанг, тамаддун ва ҳувияти миллӣ», «Наврӯз ва мероси маънавӣ», «Сиёсати хориҷӣ ва ҷойгоҳи Тоҷикистон дар ҷаҳон», «Дидгоҳҳои таърихӣ ва фалсафии давлатдорӣ», «Иқтисод, созандагӣ ва рушди миллӣ», «Мероси таърихӣ ва сайёҳии фарҳангӣ» тақсим шудаанд.

Суханони табрикотии мушовири Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор Масрур Абдулло, муовини вазири фарҳанги Тоҷикистон, Шоири халқии Тоҷикистон Давлат Сафар ва мушовири Раисҷумҳури Исломии Эрон Алиасғар Шеърдӯст, ҳамчунин андешаҳои академик Карокатулло Олимов, нуқтаи назари устод Шамсулҳақи Ориёнфар доир ба китоб ва мақоми роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба эътибори ҳозирон расонда шуд. Меҳмонҳо аз хориҷ Маҷид Асадӣ, Бориз Азиз, Яъқуби Ясно, Марям Тоҳирӣ ва дигарон доир ба рушди тамаддуни форсизабон, ҷойгоҳи Эмомалӣ Раҳмон дар эҳёи фарҳанги миллӣ ва дипломатияи фарҳангӣ дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон сухан ба миён оварданд. Ҳамчунин профессорҳо Х. Қурбонзода, А. Шарифзода ва Ҳамза Камол, шоир Абдуллоҳи Раҳнамо ва дигарон доир ба китоб назару андешаҳояшонро баён намуданд.

Дар китоб мақолаҳои намояндагони илму адаби Ӯзбекистон, роқими ин сатрҳо бо унвони «Дар радифи вожаҳои «Сулҳ» ва «Вахдат», ҳамчунин директори Институти шарқшиносии АУ Ӯзбекистон, профессор Комилҷон Раҳимов бо номи «Зиёрати обидаҳои таърихии Бухоро» низ ҷой гирифтааст ва дар онҳо, аз ҷумла, қайд гардида, ки «мо бо ҳисси қаноатмандӣ аз дил мегузаронем, роҳбарони ду давлат – Шавкат Мирзиёев ва Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзҳои мо барои боз ҳам мустаҳкам намудани риштаҳои дӯстиву ҳамбастагӣ дар соҳати гуногун чӣ тавр ташаббусҳо нишон медиҳанд».

Китобхон бо мутолиаи мақолаи «Дар радифи вожаҳои «Сулҳ» ва «Вахдат», ҳамин тавр, доир ба муносибатҳои ҳарҷониба байни Ӯзбекистон ва Тоҷикистон дар давраи нави таърихӣ то андозае тасаввурот ҳосил мекунад. «Баъди ба сари қудрат омадани муҳтарам Шавкат Мирзиёев дар Ӯзбекистон вазъ ба куллӣ тағйир ёфт. Бо саъю кӯшиши Шавкат Миромонович ва ҳамтояш дар Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар ду кишвар таҳаввулоти чиддӣ ба вуҷуд омад ва роҳҳо боз гардида, ҳамкориҳо аз сари нав барқарор гардиданд. Муносибату ҳамкориҳо дар давраи нави таърихӣ Ӯзбекистону Тоҷикистонро аз нав ба ҳам пайваст», зикр ёфтааст дар мақола. Воқеан ҳамин тавр. Таҳти сарпарастии роҳбарони ду давлат ҷамъомади нахустин Шӯрои олии байнидавлатӣ баргузор шуд. Баҳри боз ҳам ташаккул додани истиқболи ҳамкориҳои дуҷониба иморатҳои нав фароҳам омаданд. Пешбинӣ гардид, ки то соли 2030 ҳаҷми савдои тарафайн ба 2 миллиард доллари амрикӣ расонда шавад. Ба имзо расонда шудани 10 лоиҳаи муштараки кооператсионӣ барои васеъ гардидани ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ байни ду кишвар мусоидат менамояд, ки дар ин бобат низ дар мақолаи зикршуда ишораҳо ҳастанд.

«Зиёрати обидаҳои таърихии Бухоро» ном мақолаи профессор Комилҷон Раҳимов бошад, фарогири таассуроти муаллиф аз сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ҳамроҳии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Бухорои Шариф аст. Дар фурофарди он қайд шудааст ҳангоми зиёрати ёдгориҳои таърихии Бухоро аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамроҳии Шавкат Мирзиёев оид ба омӯзиши таърих ва мероси муштараки халқҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон як қатор андешаҳо, баробари ҳамин бо мақсади амалӣ намудани ин ғояҳо чанд пешниҳоди мушаххас ба миён гузошта шуданд.

Тавре дар рӯнамоӣ таъкид ёфт, чӣ муаллифони хориҷӣ ва чӣ ватанӣ, ки аксарият олимону донишмандони шинохта, ходимони намоёни давлатӣ ва аъзои ҳукуматанд, бо такя ба сарчашмаҳои таърихӣ, адабиётҳои илмӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол ва нақши Президенти он дар ин раванд бо муҳаббат ва ҳарорат ҳарф задаанд. Китоб метавонад ҳамчун манбаи илмию таълимӣ дар корҳои таҳқиқотӣ, раванди таълим ва омӯзиши масъалаҳои марбут ба давлатдории миллӣ, рушди ҷомеа ва таҳкими арзишҳои сиёсиву фарҳангӣ ба доираи васеъ хидмат намояд.

Муҳаммадҷон ШОДӢ.

Таърихи диёрро меомӯзем

ДЕҲАЕ, КИ ОНРО НА ҲАМА МЕДОНИСТЕМ

Аз ҷавонӣ Чодакро рустои аз ҳама шимоли ноҳияи Поп медонистем. Ба харита назар андохта, шаҳраки Олтинкону деҳаи Гулистонро дарёфт кардем, ки онҳо аз Чодак ҳам дар шимолтари ноҳияи Поп макон гирифтаанд. Аз онҳо дар боло боз ҷойҳои аҳолинишин, вобаста бо саёҳату истироҳати мардум ва наздики Қирғизистони ҳамсоя вуҷуд доштаанд. Хосатан, аз онҳо деҳаи Гулистонро на шунидаву на ҳама медонистем.

Гулистон аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дар мавзеи силсилакӯҳҳои Чотқол, аз шимол бо ағбаи Қамчиқу мавзеи кӯҳии Бетагалик, дар ҷануб бо ҳудуди шаҳраки Олтинсой, қисмҳои шарқӣ бо кӯҳҳои Чоркесар ва ғарбиаш бо кӯҳсори Резаксой ҳамсарҳад аст. Таърихи деҳа қадимист. Ба ин рамзҳои зиёд шаҳодат медиҳанд. Садаҳои асрорангез аз ҷониби азизон ё ба шарафи онҳо чун ёдгорӣ шинонда шудаанд. Боз дар деҳа муғҳонаҳои мансуби даври санг, баъд зарфҳои ёфтшудаи сафолӣ, кӯзаю хумдонҳои тааллуқи асрҳои XII-XIV ҳифз гардидаанд.

Аз азизони дафншуда ду нафар – додарон Хоҷа Шерқурбон атои Валӣ ва Хоҷа Сиддиқ атои Валӣ ва Бибӣ Оиша хоҳари онҳоанд. Дар қабри онҳо 1 санги кулӯлаи кабудтоб ва шифобахши илоҳӣ гузошта, ба 2 санги дарозрӯя ҳамчун ёдгорӣ ному насаби азизон кандакорӣ шудаанд. Аз рӯйи гувоҳии пирони деҳа, солҳои 50-ум ин ёдгориҳои қадима аз тарафи 2 шахси номаълум ба шаҳри Намангон бурда шудаанд. Аз эҳтимол дур нест, ки он кулӯласанги кабудтоб ба яке аз зиёратгоҳҳои шаҳри Тошканд монда шудааст. Инчунин маҳфузии 2 санги дарозрӯя дар осорхонаи кишваршиносии шаҳри Санкт-Петербурги Русия тахмин карда мешавад.

Бино ба ривоёту нақли куҳансолони деҳа, 3 азиз аз авлоди Маҳдуми Аъзам – бобои косонӣ буда, бо мақсади тарғиби илму маърифати дини ислом омада, умр гузаронида, дар ҷангҳо бо ғайридинҳо шаҳид шудаанд. Бо бурда шудани лавҳаю ёдгории қабрҳо аз тарафи шахсони номаълум авлоди нав намедонистанд, ки дар қабрҳо киҳо мадфунанд. Дертар қабристони онҳоро «Мазори Подшоҳҳоҷа» ном бурдаанд.

Дар давоми асрҳо бисёр зиёратчиён ва шифоёфтаҳо, аз ҷумла, ин диёрро «Мазори Подшоҳҳоҷа», пас «Мазор» гуфтаанд. Деҳа баъдан Гулистон ном гирифтааст. Аҳолии таҳҷоии деҳа бо гузаштаи бойи худ ифтихор доранд. Аз онҳо як қисмашон ба маҳаллаи Мазор, азизон Исмоил Атоӣ ва Бибӣ Марям дар деҳаи Чодак дафн шудаанд. Барои ҳамин аз қадим деҳаи Гулистон бо маҳаллаи Хоҷаи деҳаи Чодак ва маҳаллаи Мазори деҳаи Ғурумсаройи ноҳияи Поп ришташон хешӣ, қудою андагӣ дорад. Инчунин аз шаҳри Косонсӣ то деҳаи Ғавою Завутқанди ноҳияи Чуст, шаҳри Поп, деҳаҳои Чодаку Гулистон, ҳатто то шаҳраки Шайдону деҳаи Понғози вилояти ҳамҷавори Суғди Тоҷикистон дар мобайни фарзандони аҷдоди саҳобаҳо боқимонда робитаи дӯстӣ, хешию пайвандӣ мавҷуд аст.

Деҳаи Гулистон соли 1926 дар ҳайати ноҳияи Поп дохил шудааст. Ҳоло он 2600 нафар аҳолӣ дорад, онҳо асосан тоҷиконанд. Гулистон чун маҳаллаи алоҳидаи ноҳияи Поп дорои идораи давлатӣ аст. Он ду мактаби миёнаи маълумоти умумӣ, ду боғчаи хусусии бачагона, шифохона, чанд дукону нуқтаҳои савдо ва корхонаи хусусии истеҳсоли хишти бетонӣ дорад.

Деҳа дар оғӯши қаторкӯҳҳо ва соҳилҳои пур аз боғу дарахтзори Чодаксой ҷой гирифтааст. Ҳавояш соф, форам ва намнок буда, он соя, салқин ва маскани истироҳати мизоҷон аст. Чунон ки раиси маҳалла Ҳусанхон Нақибов таъкид кард.

– Чодаку Олтинкон дар мо ибтидои сайёҳӣ, Гулистон ин дили сайёҳӣ аст. Аз ин боис 90 фоиз аҳолӣ ба ҷойҳои дамгирӣ соҳиб буда, онҳо ба меҳмонону сайёҳон хидмат мерасонанд.

Гулистониён қисман бо зироаткорию боғбонӣ низ машғуланд.

Нақшаи баъдинаи маҳалла ин сохтани боғчаи давлатии бачагона, майдони варзиш барои наврасон ва бо сафар ёфтан дар чорабинии имрӯзаи «Бӯҷети кушод» баҳри боз ободу хуррамгардонии кӯчаҳо, мумфарш кардани роҳҳост.

Ш. МИРЗОЕВ.
Вилояти НАМАНГОН.

Дар нигористон



НАМУДИ КӮЧАҲОИ ЗЕБО

Дар Толори намоишгоҳҳои маркази Академияи бадеии Ӯзбекистон ба муносибати 80-солагии зодрӯзи рассом Абдуманнон Юнусов (1946-2019) намоишгоҳи ҷашнӣ баргузор гардид. Дар он асарҳои дар самти наққошӣ офаридаи рассом, ки манзараҳои ҳавлиҳои миллӣ ва кӯчаҳои зеборо инъикос мекунанд, инчунин маҷаллаҳо ва китобҳое, ки дар бораи намунаҳои эҷодиёти Абдуманнон Юнусов мақолаҳои таҳлилӣ ва андешаҳои гуногун доранд, ба намоиш гузошта шуданд.

Дар экспозитсия асарҳои рассом, аз ҷумла «Ҳавлии тобистона», «Дарвозаи Самарқанд», «Баҳори барвақт», «Кӯчаи офтобӣ», «Ҳавлии мо», «Кӯчаи мо», «Ҳавлии зимистона», «Кӯчаҳои кӯҳна», «Манзараҳои зимистон», «Шомгоҳ» ва дигар намунаҳои эҷодиёти ӯро дидан мумкин.

Рассом дар омӯзишгоҳи ҷумҳуриявии рассомӣ ба номи П.Бенков ва Донишкадаи театр ва санъати рассомии Тошканд таҳсил кардааст.

Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.

КАМБИЗОАТӢ: ЧӢ ТАВР АЗ ОН РАҲО ШАВЕМ?

(Аввалаш дар саҳ.1).

Назар ба ақидаи мутахассисон, ҷомеаи ҷаҳониро ду мушкиле таҳдид мекунад, ки метавонад боиси қафомондагӣ ва заъфи шадиде гарданд. Яке камбизоатӣ аст, ки ба суръати рушди иқтисод пайванд аст ва дигаре фақри маънавӣ, ки ба қафо мондани соҳаи маориф ва муаммоҳои вобаста ба он тааллуқ дорад. Мутаассифона, ин омилҳо ба ҷомеаи мо низ хатари таҳдид доранд. Аммо ҳукумати ҷумҳурӣ ин тарафи масъаларо хуб дарк карда, солҳои охир пайи ислоҳоти густардае афтод ва дар робита ба ҳалли ин мушкилот қарору фармонҳои зиёде ба имзо расонида, айни ҳол барои коҳиши камбизоатӣ ва фақри маънавии ҷомеа корҳои шоёнеро дар амал татбиқ мекунад.

Чаро маҳз ривоҷ ёфтани соҳибкорӣ боиси коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ хоҳад шуд? Рушди соҳибкорӣ на танҳо сабаби таваллиди молу колои нав ва ободии бозорҳои дохиливу берун аз он мегардад, балки боиси ба вуҷуд омадани ҷойҳои нави кор мешавад. Чунин ҷойҳои корро ҳамон қисми аҳолӣ банд хоҳанд кард, ки ба шуғли доимӣ ниёз доранд.

Бояд таъкид кард, ки сатҳи камбизоатӣ чун дар сонири қаламрави кишвар дар байни бошандагони шаҳру навоҳии вилояти Қашқадарё низ хеле эҳсосшаванда буда, ҳукумати маҳаллӣ дар роҳи коҳиш додани он тарҳҳои муассиреро роҳандозӣ кардааст. Хусусан, Саридораи коҳиши камбизоатӣ ва таъмини шуғли вилоят дар пайи иҷрои қарору фармонҳои ҳукумати ҷумҳурӣ дар робита ба поин овардани сатҳи нодорӣ ва бо шуғли муносиб таъмин кардани ин қишри аҳолӣ мудом дасту панҷа нарм мекунанд. Назар ба маълумоти ин саридора, соли равон дар нақша гирифта шуда буд, ки 507 ҳазор нафар аҳолии бекор бо шуғли муайяне фаро гирифта шаванд. Инчунин ба даромади оилавии онҳо афзуда ва ба фаъолияти бархе аз шаҳрвандон, ки ба таври сояравшанӣ амал мекарданд, шаффофият ворид созанд. Манзур аз соя берун овардан маънои даромади шаффофро дошта, амалан ин идда мардум тибқи қонуну қоидаҳои ҷорӣ бояд бо идораҳои андоз ҳамоҳанг гарданд.

Аз ҷумла, пешбинӣ шуда буд, ки 86763 нафар бо ҷои кори доимӣ таъмин мегарданд, ҷои шуғли 77737 нафар дақиқ (берун аз соя) ва ба даромади оилавии 343000 кас афзуда хоҳанд шуд. Дар асоси барнома дар шаш моҳи соли 2026. 394 092 нафар бо кор таъмин карда шуданд ва 130 фоизи нақшаи муқарраршуда (301 987) иҷро гардид. Муовини сардори Саридораи кошиҳи камбизоатӣ ва таъмини шуғли вилояти Қашқадарё Обид Эшов гуфт, ки таъмини аҳолӣ бо шуғли доимӣ ва муносиб бо роҳҳои гуногун иҷро мешаванд. Вай таъкид кард:

– Аз ҷумла, бо ҷалби сармояҳои хориҷӣ коргоҳҳои нав сохтан, ташкил намудани нуқтаҳои хидматрасонӣ ва тафреҳӣ, тарҳҳои вобаста ба соҳаи кишоварзӣ ва саноату сохтмон, аз роҳи маблағи бонкҳои маҳаллӣ (додани қарзҳои гуногуни камфоиз, субсидияҳо) бекоронро бо шуғли доимӣ таъмин намудем. Ва ҳоло комилан ин мушкил бартараф нашудааст. Дар пеш корҳои зиёде дорем, ки маҳз матонат ва сабр мехоҳанд. Он рӯз дур нест, ки дар ҳудуди вилояти Қашқадарё оилаи камбизоате боқӣ наменонад: ҳама соҳиби шуғле шудаву дар ободии зиндагии худ ва равнақи ватанамон ҳисса хоҳанд гузошт.

Назар ба маълумоти саридораи мазкур то моҳи августи соли ҷорӣ дар Қашқадарё ҳудуди 50593 хидмати муайян рӯи кор омада, 165039 нафар узви 36428 оилаи камбизоат бо шуғли зарурӣ фаро гирифта шудааст. Аз ҷумла, 15842 оилаи камбизоат кори доимӣ пайдо карданд, 26504 нафар ба соҳибкорӣ ҷазб шуда, мувофиқи дастури махсус барои 6526 нафар қарзҳои баимтиёз ва субсидияҳо тақдим гардидаанд. Аммо як идда ҳамватанон барои фаро гирифтани касбу ҳунарҳои гуногун дар курсҳои махсус таълим гирифтаанд, ки шумораи умумии онҳо 1721 нафарро ташкил медиҳад.

Дар ин марҳила дар шаҳру навоҳии вилояти Қашқадарё 15016 микролоиҳа дар амал татбиқ гаштааст, ки ба пайдо шудани 32796 ҷои кор мусоидат кардаанд. Микролоиҳаҳои мазкур бештар соҳаи хоҷагии деҳотро (61 дарсад) фаро гирифта, далел бар он аст, ки мардуми мо ба соҳаи кишоварзӣ ва чорводорӣ алоқамандии бештаре доранд.

Назар ба маълумоти омор, дар вилояти Қашқадарё (то моҳи июл) 43,6 ҳазор оилаи камбизоат сабти ном шудаанд ва дарачаи камбизоатӣ 5 дарсадро ташкил мекунад. Дар натиҷаи роҳандозии лоиҳаҳои гуногун (нибатан аз оғози соли 2026) сатҳи камбизоатӣ 1,5 дарсад поин омадааст. Ҳарчанд ин арқом хушҳолкунанда ҳастанд, аммо ҳанӯз фақру нодорӣ дар байни аҳолии вилоят эҳсосшаванда боқӣ монда, ниҳодҳои марбутаро мебояд, ки бештар сари ин мушкил биандешанд ва бо баробари таъмин сохтани қишри бекори аҳолӣ бо шуғли дилхоҳ ва даромади онҳо низ таваҷҷуҳ кунанд. Зеро маоши каму даромади нокифоя боз боиси дилсардиҳо мешаванд ва одамон аз шуғли камдаромад канор рафта, сафи оилаҳои камбизоат дубора рушд хоҳанд кард.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори
“Овози тоҷик”
дар вилояти
Қашқадарё.

Утерянный гос. ордер № 05-02/8050 от 22.02.1993 на право собственности на квартиру на имя Файзиева Шохиста Рихсиевна считать не действительным.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Ҷонишини сармуҳаррир Тоҷибой ИКРОМОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-928.
Адади нашр 2042. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 03.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.